**Ба Шурои диссертатсионии 6D.K0A-017**
**назди Институти иқтисодиёт ва демографияи**
**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

**Тақриз**

**Ба автореферати диссертатсияи Шоҳзода Назира Изатулло дар мавзуи «Таъмини самаранокии идоракунии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – менеҷмент (6D050704 - ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) пешниҳод шудааст.**

Амалияи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки муваффақияти бештар дар татбиқи барномаҳои иқтисодӣ дар кишварҳое ба даст меоянд, ки аз сармояи хориҷӣ самаранок истифода мебаранд. Сармояи хориҷӣ ҳангоми ба иқтисодиёти онҳо дохил шудан муносибатҳои иқтисодироривоҷу равнақ дода, ҳаҷми молҳо ва хизматҳои дар мамлакат истеҳсолшавандаро зиёд мекунад ва омили асосии тараққиёти иқтисодиёт мегардад. Дар шароити иқтисоди Тоҷикистон ҷалб ва истифодаи сармояи хориҷӣ метавонад ба афзоиши бахши воқеии иқтисод, рушди минбаъдаи иқтисод ва ба вуҷуд овардани симои мусбати субъектҳои хоҷагидории кишвар дар бозорҳои байналмилалии мол, сармоя ва хизматрасонӣ саҳми назаррас гузорад. Аз нуқтаи назари манфиатҳои иқтисодии миллӣ барои ноил шудан ба амнияти иқтисодии кишвар, таъмини фаъолияти он дар реҷаи васеъи такрористеҳсолӣ бо дарназардошти ҳифзи манфиатҳои истеҳсолкунандагони ватанӣ, танзими қатъии муносибатҳои молиявию қарзӣ ва афзоиши ҳаҷми истеҳсолот, аз ҷумла таъмини фаъолияти он муҳим аст.

Аз ин лиҳоз, идоракунии самараноки сармоягузории хориҷӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист фароҳам овардани фазои мусоиди ҳуқуқӣ ва андоз, истифодаи ҳавасмандкунӣ, назорати давлатӣ ва ҷалби сармоягузорӣ ба лоиҳаҳоеро дар бар мегирад, ки фоида меорад ва ба рушди сармояи инсонӣ мусоидат мекунад. Ҷанбаи асосӣ ин мувозинат байни ҷалби сармоя ва кам кардани хатарҳои иқтисодӣ ва экологӣ мебошад.

Муҳиммияти интихоби мавзуъ ягон гуногунандешӣ ё шубҳаовар намебошад. Дар диссертатсия ба таври муфассал ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ пеш аз ҳама таъсиси фазои мусоиди ҳуқуқӣ: татбиқи қонунгузории танзими сармоягузории хориҷӣ, аз ҷумла дар соҳаи хадамоти экологӣ, ҳифзи ҳуқуқии сармоягузорон ва шаффофияти муомилот, инчунин пешбурди сармоягузорӣ: пешниҳоди имтиёзҳои андоз ва дигар имтиёзҳо, махсусан ба таври худкор ва

бидуни монеаҳои бюрократии нолозим, ҷолибияти кишварро барои сармоягузорон афзоиш медиҳад, барраси̅ гардидааст.

Ба андешаи муаллиф сармоягузориҳо бояд ба лоиҳаҳое равона карда шаванд, ки на танҳо фоида ба даст меоранд, балки инчунин ба беҳбуди муҳити зист мусоидат мекунанд, аз қабили коркарди оби партов, идоракунии партовҳо ё рушди энергияи сабз, ҳамзамон ба рушди сармояи инсонӣ тавассути омӯзиши кадрҳои маҳаллӣ ва интиқоли технология саҳм гузорад, ки ин ба рақобатпазирии кишвар дар бозори ҷаҳонӣ таъсири мусбат мерасонад.

Гуфтаҳои боло аҳаммияту муҳимияти мавзуъро ифода менамояд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки муҳтавои автореферат дар худ ҳамаи унсурҳои зарурии сохтори диссертатсияро фарогир буда, аз рӯи таҳлили он хулоса баровардан мумкин аст, ки мазмуну мундариҷаи он ба мавзӯи интихобшуда мувофиқ мебошад.

Навгониҳои илмии дар автореферат овардашуда ба таҳияи муқарраротӣ назариявӣ, методӣ ва тавсияҳои амалӣ, ки ба таъмини самаранокии идоракунии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ равона гардидааст, асос ёфтааст.

Дар баробари муваффақиятҳо дар автореферат баъзе камбудиҳо ба чашм мерасанд:

1. Дар автореферат, саҳ. 19 расми 3. - Унсурҳои асосии механизми ташкилию иқтисодии фаъолияти сармоягузории низоми хизматрасониҳои экологӣ нишон дода шудааст, аммо шарҳу тавзеҳи ин унсурҳо ба чашм намерасанд?
2. Дар саҳ. 24 автореферат зикр шудааст, ки барои баҳои воқеи додан ба фаъолият ва таъсири омилҳо ба сармоягузории экологӣ матритсаи SWOT гузаронида шудааст. Хуб мешуд дар рафти ҳимоя паҳлуҳои асосии он шарҳ дода мешуд. Зеро он дар сатҳи автореферат он ҷойгир карда нашудааст.

Бояд қайд карда, ки камбудиҳои зикр гардида хусусияти тавсиявӣ дошта, ва ба мазуну мундариҷа, натиҷаи назариявӣ, методию амалии диссертатсия дар маҷмӯъ автореферати диссертатсияи Шоҳзода Назира Изатулло таъсири назаррас намерасонанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Шоҳзода Назира Изатулло дар мавзуи «Таъмини самаранокии идоракунии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, № 3) ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD),

доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – менеҷмент (6D050704 - ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) сазовор мебошад.

Д.и.и., и.в.профессори кафедраи менеҷмент,
маркетинг ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон Мирзоалиев А.А.

Дурустии имзои д.и.и., и.в. профессор
Мирзоалиев А.А.- ро тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон Пирзода С.С.

**Суроғаи муассиса:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кучаи Деҳотӣ ½, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. **E-mail:** tguk@mail.ru
Телефон: +992(37) 234-83-46, (992) 934-44-41-45

14.11.2025